# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати муносибатҳои байналмилалӣ аҳамияти махсус пайдо намудааст. Имрузҳо ҷинояткорӣ аз ҳудуди миллӣ берун баромада, шаклҳои муташаккил ва фаромиллиро касб кардааст, ки ин раванд ба амнияти давлатҳо, суботи ҷомеа ва ҳуқуқу озодиҳои инсон таҳдиди ҷиддӣ эҷод менамояд. Маҳз ҳамин ҳолат зарурати омӯзиши амиқ ва такмили заминаҳои назариявию амалии мубориза бо чунин намуди ҷиноятҳоро ба миён меорад.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, аз қабили терроризм, савдои одамон, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, шустушӯи маблағҳо ва дигар кирдорхои ҷиноятии дорои унсури байналмилалӣ, бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ танзим мегарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи

ҷаҳонӣ ба бисёр конвенсияҳои байналмилалӣ ҳамроҳ гардида, уҳдадориҳои муайянро дар самти пешгирӣ ва мубориза бо чунин ҷиноятҳо ба зимма гирифтааст. Аммо татбиқи самараноки ин уҳдадориҳо тақозо менамояд, ки меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шаванд ва механизмҳои татбиқи онҳо такмил дода шаванд.

Дар баробари ин, таҳлили амалияи тафтишотӣ ва судӣ нишон медиҳад, ки ҳанӯз ҳам як қатор мушкилот дар самти квалификатсияи дурусти ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, муайян намудани аломатҳои таркиби ҷиноят, инчунин татбиқи дурусти меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вуҷуд доранд. Норасоии таҳқиқоти комплексии илмӣ дар ин самт боис мегардад, ки баъзе масъалаҳои муҳим бе ҳаллу фасли кофӣ боқӣ монанд.

Мубрамияти мавзуи интихобшуда ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ имкониятҳои навро барои содир намудани ҷиноятҳои фаромиллӣ фароҳам овардааст. Ҷиноятҳои киберӣ, маблағгузории терроризм тавассути шабакаҳои электронӣ ва дигар шаклҳои муосири ҷинояткорӣ талаб менамоянд, ки усулҳои нави ҳуқуқӣ ва криминологӣ барои пешгирӣ ва ошкорсозии онҳо таҳия карда шаванд.

Ҳамзамон, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва татбиқи он дар низоми ҳуқуқии миллӣ яке аз омилҳои муҳим барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои конвенсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, таҳқиқоти мазкур метавонад ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ, баланд бардоштани сатҳи омодагии кадрҳои ҳифзи ҳуқуқ ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ мусоидат намояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса намуд, ки мавзуи таҳқиқотии мазкур дорои аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалии илмӣ буда, ба рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, инчунин ба такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ мусоидат хоҳад кард.

**Дарачаи навгонии натичаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дарачаи навгонии натичаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия масъалаҳои назариявӣ ва амалии чиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ бори аввал ба таври низомнок ва мукаммал дар робита бо қонунгузории чиноятии Чумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф мафҳуми чиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро бо дарназардошти равандҳои муосири чаҳонишавӣ такмил дода, фарқияти онҳоро аз чиноятҳои фаромиллӣ, байналмилалӣ ва дорои хусусияти байналмилалӣ дақиқ муайян намудааст. Ҳамзамон, таснифи нави илмии ин гуруҳи чиноятҳо пешниҳод гардида, асосҳои ҳуқуқии имплементатсияи меъёрҳои байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ таҳлил ва самтҳои такмили он асоснок карда шудаанд. Дар баробари ин, мушкилоти амалии татбиқи меъёрҳои конвенсионӣ дар соҳаҳои алоҳида, аз чумла савдои одамон, экстремизм ва коррупсия муайян гардида, арзёбии илмии онҳо пешниҳод шудааст.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз он иборатанд, ки муаллиф моҳияти ҳуқуқии чиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро ҳамчун гуруҳи мустақили чиноятҳо муайян намудааст, ки бо уҳдадориҳои байналмилалии давлатҳо алоқаманд буда, татбиқи онҳо тавассути қонунгузории миллӣ таъмин мегардад. Дар таҳқиқот фарқгузории илмии чиноятҳои конвенсионӣ аз дигар намуди чиноятҳо асоснок карда шуда, хусусиятҳои хоси онҳо муайян гардидаанд. Инчунин, таснифи илмии чиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ вобаста ба объекти ҳифзшаванда пешниҳод шудааст. Муаллиф зарурати мутобиқсозии қонунгузории чиноятии миллӣ ба меъёрҳои байналмилалиро асоснок намуда, нишон медиҳад, ки ин раванд шарти муҳими муборизаи самаранок бо чунин чиноятҳо мебошад. Ҳамзамон, дар таҳқиқот мушкилоти амалии татбиқи меъёрҳои конвенсионӣ

ошкор гардида, барои бартараф намудани онҳо пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ ва амалӣ ироа шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бо чанд омилҳои муҳими илмӣ таъмин гардидааст. Пеш аз ҳама, таҳқиқот ба заминаи мустаҳками назариявӣ такя намуда, дар он дастовардҳои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ васеъ истифода шудаанд. Муаллиф ҳангоми баррасии масъалаҳо аз усулҳои умумии илмӣ ва махсус, аз ҷумла таҳлили мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ ва таърихӣ самаранок истифода бурдааст, ки ин ба асоснокии натиҷаҳои бадастомада мусоидат менамояд.

Эътимоднокии хулосаҳо инчунин бо истифодаи манбаъҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмин карда шудааст. Дар диссертатсия маводи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, аз ҷумла маълумоти оморӣ ва баъзе мисолҳои амалӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки ба воқеъбинӣ ва далелнокии хулосаҳо таъсири мусбат мерасонанд.

Илова бар ин, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои мавриди омӯзиш буда, аз мантиқ ва пайдарҳамии илмӣ бармеоянд. Онҳо бо натиҷаҳои таҳқиқоти дигар муҳаққиқон муқоиса гардида, дар бисёр ҳолатҳо такмил ва рушди минбаъдаи андешаҳои илмиро инъикос менамоянд. Тавсияҳои пешниҳодшуда дорои хусусияти амалӣ буда, ба такмили қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ равона шудаанд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва эътимоднок буда, метавонанд дар рушди назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ самаранок истифода гарданд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳам дар рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам дар такмили фаъолияти амалии ҳуқуқтатбиққунӣ васеъ истифода шаванд.

Аҳаммияти илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар таҳия ва такмили асосҳои назариявии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ зоҳир мегардад. Дар диссертатсия мафҳум ва моҳияти ин гурӯҳи ҷиноятҳо амиқ таҳлил гардида, фарқияти онҳо аз дигар намудҳои ҷиноятҳо аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст. Ҳамчунин, таснифи илмии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ пешниҳод гардида, робитаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ва байналмилалӣ ба таври мукаммал баррасӣ шудааст. Ин натиҷаҳо метавонанд барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ заминаи назариявӣ фароҳам оранд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд барои такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо ва дигар ниҳодҳои марбута ҳангоми ошкор, пешгирӣ ва баррасии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ мавриди истифода қарор гиранд. Илова бар ин, маводи диссертатсия метавонад дар раванди таълим, аз ҷумла ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳамчун манбаи илмию таълимӣ истифода шавад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Дар асоси натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия 8 мақолаи илмӣ нашр гардидааст. Аз онҳо 4 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар, ки сатҳи илмӣ ва эътимоднокии

заруриро доранд, ба табъ расидаанд. Ин нашриёҳо саҳми муассир ва дастгирии равандҳои илмии таҳқиқоти мазкурро таъмин менамоянд. Лозим ба зикр аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра мувофиқат мекунад. Ин ба он ишора мекунад, ки муаллиф тамоми меъёрҳои расмӣ ва ҳуқуқиро риоя намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар шакли илмӣ ва эътирофшуда ба табъ расонидааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Дисертатсияи мазкур аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқадима, се боб, 7 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад, ки дар он масалаҳои мавриди таҳқиқ карордошта ба низом ва пайдарпайи бо риоя намудани усулҳои илмӣ–таҳқиқотӣ мавриди  таҳқиқоти илмӣ карор дода шудааст.

Дар боби якум муаллиф  таҳкими заминаҳои назариявии омӯзиши ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро мавриди таҳқиқоти илми қарор додааст. Дар он мафҳумҳо ва категорияҳои асосӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои фаромиллӣ, байналмилалӣ ва конвенсионӣ, аз нигоҳи илмӣ шарҳ ва фарқгузорӣ шудаанд. Ин ҳолат барои ташаккули фаҳмиши ягонаи илмӣ дар ин соҳа аҳаммияти калон дорад. Аз ҷиҳати амалӣ бошад, натиҷаҳои ин боб метавонанд ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шарҳи мафҳумҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода шаванд.

Аҳаммияти илмии боби дуюм, ин боб дар омӯзиши ҳамоҳангии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳои байналмилалӣ зоҳир мегардад. Дар он масъалаи имплементатсияи меъёрҳои конвенсионӣ ва таҳлили ҷиноятҳои марбут ба ҳаёт, савдои одамон ва кӯдакон баррасӣ шудааст, ки барои рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад. Аз нигоҳи амалӣ, натиҷаҳои ин боб метавонанд дар такмили қонунгузорӣ,

беҳтар намудани механизмҳои ҳамкорӣ бо ниҳодҳои байналмилалӣ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо чунин ҷиноятҳо истифода шаванд.

Аҳаммияти илмии боби сеюм дар таҳлили амиқи ҷиноятҳое мебошад, ки ба амнияти ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва ҳокимияти давлатӣ таҳдид мекунанд. Дар он экстремизм ҳамчун падидаи фаромиллӣ ва инчунин масъалаи имплементатсияи меъёрҳои зиддикоррупсионӣ аз нигоҳи илмӣ баррасӣ шудааст. Ин равиш ба густариши дониши илмӣ дар бораи ҷиноятҳои муосир мусоидат мекунад. Аҳаммияти амалии ин боб дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд барои таҳияи чораҳои пешгирӣ, такмили сиёсати ҷиноятӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бо ин намуди ҷиноятҳо истифода шаванд.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, дар умум мафҳум ва моҳияти диссертатсияро мекушояд.

**Бо вуҷуди баҳои мусбии кор дар диссертатсия баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба тарзи зайл нишон додан мумкин аст:**

1. Гарчанде масъалаи татбиқи (имплементатсияи) меъёрҳои байналмилалӣ дар таҳқиқот мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аммо ҷанбаҳои марбут ба механизмҳои амалисозӣ, мушкилоти воқеии иҷро ва сатҳи ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ба таври кофӣ муфассал таҳлил нашудаанд. Дар натиҷа, баъзе паҳлуҳои муҳими амалӣ, ки барои самаранок татбиқ намудани ин меъёрҳо заруранд, берун аз доираи таҳлил боқӣ мондаанд.

2. Ҳамчунин, дар диссертатсия гарчанде як қатор тавсияҳо пешниҳод гардидаанд, аммо онҳо асосан хусусияти умумӣ дошта, ба тарзи мушаххас ба ислоҳоти ҳуқуқӣ равона нагардидаанд. Илова намудани чунин пешниҳодҳои мушаххаси ҳуқуқӣ метавонист сатҳи татбиқпазирии натиҷаҳои диссертатсияро баланд бардошта, аҳамияти амалии онро боз ҳам тақвият бахшад.

Эродҳое, ки дар боло қайд шудаанд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайнкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуктаҳои муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Таҳқиқоти илмии Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. мансуб аст. Диссертатсия дар доираи талаботи банди 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳои 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, тахия гардида, пурра мутобиқати ҳуқуқӣ ва меъёрии давлатии талаботи академиро таъмин менамояд.

Муаллиф таҳқиқотро мустақилона ва бо истифодаи усулҳои замонавии методологӣ анҷом дода, сохтори диссертатсияро бо мантиқи муназзам ва пайдарпайии илмӣ ташкил намудааст. Ҳамаи бобҳо ва бахшҳои таҳқиқот ҳамоҳангӣ ва мутобиқатро бо принсипҳои систематикии илмӣ таҷассум мекунанд. Таҳлилҳои пешниҳодгардидаро дар бар мегиранд ҳам навгониҳои назариявӣ, ки асоси илмии таҳқиқотро тавсеа медиҳанд, ҳам тавсияҳо ва пешниҳодҳои амалӣ, ки самаранокии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ба ин васила, самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро баланд мебардоранд.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд пурра ба талаботи муқарраргардидаи меъёрҳои омодасозии диссертатсия ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмӣ ва таҳлили комили проблемаҳои назариявӣ ва амалиро дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин мекунад. Аз ин нуктаи назар, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муаллими кафедраи мурофиаи ҷиноятии
факултети №2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Одиназода Н.С.

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Ховарон, хонаи 217,
Тел.: (+992) 988-60-77-77
Email: odinaev1977@yandex.ru

**Имзои Одиназода Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода А.Р.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734012, ш. Душанбе, кучаи М.Мастонгулов 3.
Тел. кори: (+992 37) 226-28-92.
E-mail: avkdtj@mail.ru
«01» май 2026 сол.